**ХУЛОСАИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-О18 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 28-уми январи соли 2025, таҳти №73

Бораи сазовор донистани Абдуллозода Зебонисо Файзулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар таърихи 21 ноябри соли 2024, суратмаҷлиси №71 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-О18 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд) барои ҳимояи такрорӣ қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллозода Зебонисо Файзулло 22 - уми декабри соли 1972 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 1997 ба шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2001 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2005 то ҳол дар мақомоти судӣ дар вазифаҳои гуногун фаъолият намуда, аз соли 2020 то инҷониб унвонҷӯйи шуъбаи хусусии Институтси фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Института фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Мирзозода Парвон Зайнолобудин** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– **Холмаҳмадзода Солеҳа -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– **Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Носиров Хуршед Толибович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор мудири кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

(ихтисос: 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Носиров Хуршед Толибович ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Исмоилова З.И. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, Файзулло М.Қ. санаи 27 декабри соли 2024 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашриҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷу аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М].** Абдуллозода, З.Ф. Проблемы правового регулирования арбитражного соглашения: анализ международно-правовых актов и законодательства [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Правовая жизнь. – 2020. – №2 (30). – С. 214-227. ISSN 2307 - 5198

**[2-М].** Абдуллозода, З.Ф. Проблемаҳои умумии эътибornокии созишномаи арбитражӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2020. – №10. – С. 252-255. ISSN 2074-1847

**[3-М].** Абдуллозода, З.Ф. Проблемаҳои ҳуқуқии эътибornокии моддии созишномаи арбитражӣ. [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №1 (41). – С. 51-61. ISSN 2410-2903

**[4-М].** Абдуллозода, З.Ф. Хусусиятҳои танзими ҳуқуқии унсурҳои зарурии созишномаи арбитражӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Маҷалаи Академии ҳуқуқ. – 2021. – №1 (37). – С. 83-99. ISSN 2305-0535.

**[5-М].** Абдуллозода, З.Ф. Масоили муайянномоии мафҳум ва мазмуни созишномаи арбитражӣ тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ

[Матн] / З.Ф. Абдуллозода, И.Ҳ. Бобоҷонзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №2 (34). – С.74-93. ISSN 2307 - 5198

**[6-М].** Абдуллозода, З.Ф. Табиати ҳуқуқӣ-гражданӣ ва унсурҳои созишномаи арбитражӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода, И.Ҳ. Бобоҷонзода // Маҷалаи Академии ҳуқуқ. – 2021. – №1(37). – С.83-99. ISSN 2305-0535

**[7-М].** Абдуллозода, З.Ф. Аҳамияти ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода, И.Ҳ. Бобоҷонзода // Маҷалаи Академии ҳуқуқ. – 2022. – №1 (37). – С.189-194. ISSN 2305-0535.

**[8-М].** Абдуллозода, З.Ф. Пролемаҳои ҳуқуқии ҳамкории судҳои 220 иқтисодӣ ва арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ. [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Маҷалаи Академии ҳуқуқ. – 2023. – №1(45). – С. 160-170. ISSN 2305-0535.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳо чоп шудаанд:**

**[9-М].** Абдуллозода, З.Ф. Баъзе аз масъалаҳои назариявии татбиқи қонунгузорӣ дар фаъолияти судҳои арбитражӣ ва иқтисодӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (Душанбе, 14 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 261-271.

**[10-М].** Абдуллозода, З.Ф. Нақши Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайдоиши институтҳои нави ҳуқуқӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонмарҳилаи эҳёи давлатдории миллӣ”. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. (ш. Душанбе, 18 октябри с. 2022). – Душанбе, 2022. – С. 238-244.

**[11-М].** Абдуллозода З.Ф. Нақши судҳои иқтисодӣ дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ. [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // “Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ”: маводҳои конфронси байналмилалӣ (25-26 апрели 2023) / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доткори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Кудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2023. – 214 с. – С. 129-133.

**[12-М].** Абдуллозода З.Ф. Мавқеи судҳои иқтисодӣ дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ. [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Ҳифзи Истиқлоли давлатӣ дар раванди таҳдидҳои ҷаҳони муосир: асосҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (6-уми сентябри соли 2024) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдиев И.З. – Душанбе: Аршам, 2024. – 208 с. – С. 186-195.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Нодиров Фозилбек Мирзошарифович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Расулов Беҳзод Разоқович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори идораи ҳуқуқи Бонки миллии Тоҷикистон;

Сафарзода Некрӯз Файзӣ - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудааст. Аз ҷумла зикр гардидааст, ки оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда дар созишномаи арбитражӣ таҳқиқот гузаронида, аммо муаллиф мухтавои онро пурра кушода надодааст. Илова бар ин, қайд гардидааст, ки судҳои иқтисодӣ ҳангоми амалигардонии функсияи назоратии худ ба фаъолияти арбитражҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли баҳсҳо ва қабули ҳалномаҳо метавонанд таъсир расонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**– коркард карда шуд:** масъалаи созишномаи арбитражӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқи маданӣ бори аввал ба шакли маҷмуавӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ баррасӣ карда шудааст;

**– муайян карда шуд:** созишномаи арбитражӣ ягона асоси ҳуқуқии баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитражи байналмилалӣ мебошад. Бе созишномаи арбитражӣ парвандаи арбитражӣ оғоз намешавад ва муҳокимаи арбитражӣ низ гузаронида намешавад. Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитраж низ ба созишномаи арбитражӣ алоқамандии зич дорад.

**– пешниҳод шудааст:** аз сабаби ба вуҷуд омадани вазъи эпидемиологӣ дар ҷаҳон, аз қабили пандемияи COVID-19, ҷаласаҳои арбитрҳо оид ба моҳияти баҳс метавонад ҳамчун истисно аз қоидаҳои умумӣ тавассути истифодаи видеоконфронс анҷом дода шавад. Дар чунин ҳолатҳо, шартҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд: - розигии ҳайати арбитраж; - иштироки арбитрҳо дар муҳокима ва омода намудани ҳалномаҳо; - мавҷудияти воситаҳои техникии видеоконфронс; - розигии тарафҳо оид ба истифодаи воситахои техникии видеоконфронс дар арбитраж; - истифодаи тартиби “маҷозӣ” барои баргузории маҷлисҳо ва қабули ҳалномаҳо аз ҷониби тарафҳо ё арбитрҳо ба таври лозима; - таъмини махфияти муҳокимаи арбитражӣ.

**– исбот шудааст:** таркиби созишномаи арбитражӣ дорои унсурҳои зерин мебошанд: - унсурҳои ҳатмӣ: интихоби институти арбитражӣ ё муроҷиат ба дастури он; ҷойи арбитраж; шумораи арбитрҳо; ҳуқуқи татбиқшаванда; қатъӣ будани ҳалномаи арбитражӣ; - унсурҳои иловагӣ: тахассус ва шаҳрвандии

арбитрҳо; таъмини маҳрамияти муҳокима; - муҳлатҳои тезондашудаи ҳалли баҳсҳо ва ғайра.

– **муайян шудааст:** қисми моддии эътиборнокии созишномаи арбитражӣ тарафҳоро аз рӯи омилҳои зерин тақсим карда мешаванд: якум, мушкилоти марбут ба масъалаҳои ҳуқуқи шартномавӣ вуҷуд дорад. Худи созишномаи арбитражӣ низ шартнома буда, ба он принсипҳои умумии эътибornокии шартномаҳо низ паҳн мегардад. Ин асосҳо дар созишномаи арбитражӣ муҳим мебошанд, ба шарте ки агар дар он унсури хориҷӣ мавҷуд бошад; дуюм, асосҳои қобилияти ҳуқуқдории тарафҳои созишномаи арбитражӣ, яъне «ҳуқуқи тобеиятии субъективӣ», маҷмуи категорияҳое, ки бо ифодаи ихтиёрии ирода, ба ибораи дигар, нуқси ирода (маҷбуркунӣ, гумроҳӣ, хатогӣ ва ғ.) алоқамананданд; сеюм, ин имкони баррасии баҳс ҳамчун субъекти ба истилоҳ «салоҳияти воқеии арбитражӣ» мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** бори аввал масъалаҳои созишномаи арбитражӣ ба таври муфассал таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии супоридани баррасии баҳс дар асоси созишномаи арбитражӣ ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, самтҳои асосии баланд бардоштани он дар шароити ҷаҳонишавиро муайян месозанд. Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқи арбитражи байналмилалии тиҷортӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони соҳаҳо ва сатҳҳои гуногун истифода шаванд. Инчунин мавод, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда метавонанд дар муассисаҳои усулҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо, аз қабили судҳои ҳакамӣ ва судҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, ҳангоми навиштани рисолаҳо, монографияҳо ва дастурҳои илмӣ, дипломӣ, магистрӣ, корҳои курсӣ оид ба мавзуи дарҷшуда истифода шаванд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ дар ин самт, инчунин ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи тиҷоратӣ ва ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:** усулҳои умумиилмӣ ва махсус, аз қабили таҳлили диалектикӣ, систематикӣ, муқоиса ва шабоҳат, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ, мантиқӣ, эмпирикӣ ташкил медиҳанд. Бо ёрии усули меъёрию расмӣ-мантиқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мақсади омӯзиш, муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон ва дигар давлатҳо, назария ва амалияи баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитражи байналмилалӣ ошкор карда мешаванд. Аз назари усули диалектикии ҷаҳонбинӣ мафҳуми институти созишномаи арбитражӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ муайян карда шуда, унсурҳои созишномаи арбитражӣ ва ҳадди амали он ҳангоми баррасии баҳсҳо дар арбитраж возеҳ карда мешавад. Ҳамчунин, робитаи байни эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ ва созишномаи арбитражӣ низ ошкор карда мешаванд. Усули таърихӣ ва ҳуқуқӣ имкон додаанд, ки пайдоиш ва

ташаккули созишномаи арбитражӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди қонунгузорӣ дар бораи арбитражи байналмилалӣ омӯхта шаванд. Барои ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоӣ таҳлили таърихии мавзӯъ, қонунҳои мантиқӣ, инчунин усулҳои махсуси таҳқиқот истифода шудаанд. Дар асоси усули расмӣ-ҳуқуқӣ созишномаи арбитражӣ ҳамчун падидаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ баррасӣ шуда, мафҳум ва хусусиятҳои он муайян карда мешаванд. Ҳамчунин, тавассути усули расмӣ-ҳуқуқӣ таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, ҳамзамон назарияҳои мавҷуда оид ба созишномаи арбитражӣ амалӣ карда шуданд. Усулҳои зикргардида дар маҷмуъ имкон доданд, ки мавзӯъ мавриди омӯзиш ҳамаҷониба, пурра ва объективӣ таҳқиқ гардида, роҳи ҳалли вазифаҳо муайян шаванд.

– **баён шудани** мафҳуми созишномаи арбитражӣ дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалияи судӣ пешниҳод гардида, он ба гурӯҳҳои муайян тасниф карда шудааст;

– **мушаххас гардидани** унсурҳои ҳатмӣ ва иловагии созишномаи арбитражӣ ва шартҳои эътибрнокии созишномаи арбитражӣ бо дарназардошти асосҳои моддӣ ва расмии он;

– **омӯхта шудани** истифода созишномаи арбитражӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии тарафҳои муҳокимаи арбитражӣ дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои таърихӣ, низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои хориҷӣ ва қонунгузории байналмилалӣ ва таҷрибаи судии давлатҳо;

– **такмил додани** қонунгузории арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, мурофиавии маданӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои истифода созишномаи арбитражиро пешбинӣ менамоянд;

– **иҷозат додани** истифода ва эътироф намудани созишномаи арбитражӣ дар фаъолияти судҳои иқтисодӣ ҳангоми эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражи байналмилалӣ.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии инкишофи қонунгузории арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ва мурофиаи иқтисодӣ, самтҳои асосии баланд бардоштани ҳалли арлтернативии баҳсҳо дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд муайян карда шаванд. Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва мақомоти судӣ, самаранокии ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ бароман карда, дар оянда мумкин аст дар татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба маърифати ҳуқуқӣ ва донишхои ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

– **асоснок карда шудааст, ки** созишномаи арбитражӣ ягона асоси

ҳуқуқии баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитражи байналмилалӣ мебошад. Бе мавҷудияти созишномаи арбитражӣ парвандаи арбитражӣ оғоз намешавад ва мурофиаи арбитражӣ низ гузаронида намешавад;

– **хулоса шудааст, ки** созишномаи арбитражӣ – ин созишномаи тарафҳо оид ба супоридани ҳамаи баҳсҳо ё баҳсҳои муайян ба арбитраж, ки байни онҳо вобаста ба ягон муносибатҳои ҳуқуқии мушаххас ба вуҷуд омадаанд ё метавонанд ба вуҷуд оянд, новобаста аз он, ки хусусияти шартномавӣ доранд ё не. Созишномаи арбитражӣ метавонад дар намуди тавзеҳоти арбитражӣ дар муқаррароти шартнома ё дар намуди созишномаи алоҳида баста шавад.

– **муаррифӣ карда шудааст, ки** созишномаи арбитражӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Созишнома дар шакли хаттӣ басташуда ҳисобида мешавад, агар он дар ҳуҷҷатҳо мавҷуд бошад, аз ҷониби тарафҳо имзо шуда бошад, ё дар мубодилаи мактубҳо, иттилоотҳо тавассути телекс, телеграф ё бо истифодаи дигар воситаҳои алоқа, ки бақайдгирии чунин созишномаро таъмин менамояд ва ё ин ки тавассути мубодилаи аризаи даъвогӣ ва норозигиҳо, ки дар он яке аз тарафҳо оид ба мавҷудияти созишнома истинод менамояд ва тарафи дигар онро рад накардааст, ҳисобида мешавад. Истинод дар шартнома ба ҳуҷҷате, ки тавзеҳоти арбитражиро дорад, ба шарте созишномаи арбитражӣ ба ҳисоб меравад, ки агар шартнома дар шакли хаттӣ баста шуда бошад ва истиноди мазкур чунин аст, ки тавзеҳоти зикргардидаро қисми таркибии шартнома ҳисобад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** он ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти ҷойдоштаи назариявӣ ва методологии паҳлуҳои гуногуни мавзӯи диссертатсия, мураттабсозӣ ва таҳлили натиҷаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва навгонии онҳо дар муқоиса бо натиҷаҳои дар илм ҷойдошта, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва роҳҳои такмили истифодаи созишномаи арбитражӣ дар танзими муносибатҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ асос ёфтааст.

- **муаллиф** низоми мафҳумҳо ва ақидаҳоро дар бораи категорияи созишномаи арбитражӣ таҳия ва коркард намудааст.

- **пешниҳод мегардад, ки** тавсияҳои амалӣ оид ба рушд ва истифодаи созишномаи арбитражӣ дар баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолияти судҳо ҳамчун дастур ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

- **назария** дар асоси муқаррарот ва хулосаҳои мукаммали илмӣ, ки дар адабиёти илмӣ, қонунгузорӣ ва амалияи арбитражии давлатҳои гуногун ва Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ пахн гардидаанд, асоснок карда шудааст.

- **ғояи мазкур ба натиҷаҳои** аз ҷониби умум эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихию ҳуқуқӣ, маводи таҷрибаи судӣ, қонунгузорӣ ва амсолияи судӣ асос ёфтааст.

- **истифода карда шуданд:** таҳқиқоти диссертатсионии мазкур се марҳилаи инкишофи созишномаи арбитражиро дар бар мегирад: 1) давраи қабули Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ аз 3 ноябри соли 1995 «Дар бораи судҳои иқтисодии ҶТ» ва Кодекси граждании ҶТ аз 30 июни соли 1999, (1994–2000); 2) давраи қабули Қонуни конститутсионии ҶТ аз 06.08.2001 «Дар бораи судҳои ҶТ», Қонуни ҶТ аз 05.01.2008 «Дар бораи судҳои ҳакамӣ»,

Кодекси мурофиавии граждании ҶТ аз 05.01.2008 (2000–2011), 3) давраи воридшавии ҶТ ба СУС, тасвиби Конвенсияи Ню–Йорк аз 10 июни соли 1958 «Дар бораи эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражҳои хориҷӣ», қабули Қонуни ҶТ аз 18 марти соли 2015 «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ва таъсиси АБТТ аз 8 августи соли 2015 ва дигар санадҳои АБТТ (2012 то имрӯз).

**Саҳми шахсии довталабӣ дарачаи илмӣ дар таҳқиқот ба** сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмию амалӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешавад. Дар баробари ин, услуби навиштан, ҳалли масъалаҳо ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифи рисоларо инъикос мекунад. Дар рафти таҳқиқот дар рисола чунин ақида ташаккул ёфтааст, ки тибқи созишномаи арбитражӣ, қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ судҳои иқтисодӣ ду вазифаро иҷро мекунанд: назоратӣ ва ёрирасонӣ. Вазифаи назоратии судҳои иқтисодӣ аз он иборат аст, ки онҳо иҷрои ҳалномаи арбитражиро таъмин намуда, ҳуқуқ доранд ба баррасии парвандаҳои арбитражӣ дахолат кунанд. Чунин вазифаҳоро санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти байналмилалӣ ё миллӣ ва таҷрибаи арбитражӣ пешбинӣ мекунанд. Вазифаи ёрирасонии судҳои иқтисодӣ бошад, аз расонидани кумак ба арбитраж дар баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои арбитражӣ иборат аст. Дар рисола як қатор муқаррароти назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудаанд.

Дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 28-уми январи соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Абдуллозода Зебонисо Файзулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст, 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

28 январи соли 2025